# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10- Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1- Назария ва технологияи таълими математика).**

Мубрами мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи интихобнамудаи Мирзораҳимзода М.Ҳ., яке аз мавзуҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро истифодаи мақсаднок ва самараноки масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омӯзгорӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои мураккаб ва гуногуни таълимӣ ҳалшуда, сатҳи таҳсил ва омодагии донишҷӯён — мутахассисони оянда баланд гардад.

Нақше, ки роҳбарияти кишвар барои рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар солҳои 2020-2040 муайян намудааст, зарурати таълими ин фанҳоро дар асоси барномаҳои муосири педагогӣ дар сатҳи МТМУ ва таҳкими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақозо мекунад. Ҳамзамон, омодасозии омӯзгорони фанҳои дақиқ барои МТМУ дар сатҳи таҳсилоти олӣ мавқеи хоса пайдо намудааст.

Ба ин муносибат дар тайёр намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касби омӯзгорӣ масъалаҳои нав ба миён меоянд. Яке аз мушкилоти муҳими системаи маориф ин ба дараҷаи лозимӣ тайёр намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ мебошад, ки онҳо бояд ба як қатор талаботҳо ҷавобгӯ бошанд, аз ҷумла:

- онҳо бояд қисми назариявӣ ва амалии дилхоҳ фанни математикаро чунон аз худ карда бошанд, ки бозомӯзии минбаъдаи иловагиро талаб накунад;
- омӯзгорони оянда бояд чунин донише аз худ кунанд, ки бо салоҳияти хеш истифодабарии ин донишро ҳангоми кор дар ҳама гуна синфҳо тавонанд;
- маҳорати истифодабарии адабиёти илмию методиро, ҳангоми тартиб додани дилхоҳ мавзуи барномаи математикӣ ва татбиқи онро дошта бошанд.

Аз ин лиҳоз, коркарди методикаи истифодабарии масъалаҳои

ғайристандартӣ дар баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷӯён, ки то ҳол дар ҷумҳурӣ таҳлили комили худро наёфтааст, мубрам мебошад.

Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой соли 2004 ба ихтисоси математикаи умумии «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» дохил шуда, соли 2009 онро бо муваффақият хатм мекунад. Аз соли 2009 то соли 2019 ба сифати омӯзгори МТМУ № 1-и н. Кӯшониён кор ва фаъолият кардааст. Аз соли 2019 то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кор ва фаъолият карда истодааст. Ӯ барои пешбурдани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ аз 01.10.2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳисобида шуд.

Кори диссертатсионии Мирзораҳимзода М.Ҳ. аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум «Нақши масъалаҳои ғайристандартӣ дар рушди дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёни дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» равишҳои гуногун оид ба таърифи масъалаҳои ғайристандартӣ таҳлил карда шуда ва масъалаи ғайристандартиро ҳамчун масъалае пешниҳод карда мешавад, ки вазъияти шиддатнокро ба вуҷуд меорад ва аз 4 зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби аввал, «Равишҳои мухталиф ба муайянкунии масъалаҳои ғайристандартӣ» хусусияти таҳқиқ ва муҳиммияти таҳлили сарчашмаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин зербоб муҳим будани масъалаҳои ғайристандартӣ дар таълими математика муайян карда шудааст.

Дар зербоби дуюм «Вазифаҳои дидактикии ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ» вазифаҳои асосии дидактикии масъалаҳои ғайристандартиро дар таълими математика таҳлил карда шудааст.

Зербоби сеюм, ки «Хусусиятҳои истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика» ном дорад. Дар ин зербоб барои муайян кардани имкониятҳои истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика дар МТОК-и омӯзгори ба система даровардани ҳолатҳои психологию педагогӣ ва методие, ки ба таълими самараноки

донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ мусоидат мекунанд, зарур аст. Дар ин зербоб масъалаҳои зерин таҳқиқ шудааст:

- талаботи равоншиносон оид ба ташкили фаъолияти самараноки ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ;
- муқаррарот, марбут ба масъалаҳои ғайристандартӣ, ки дар методикаи таълими математика баррасӣ мешаванд;
- хусусиятҳои таълими ба ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, ки ба донишҷӯён барои таълими амалияи математикаи муосир хосанд.

Зербоби чаҳорум, ки «Марҳилаҳои асосии методикаи ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ» ном дошта, оид ба роҳҳои асосии ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ барраси карда шудааст.

Таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки душвориҳои асосии ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ дар байни донишҷӯён асосан дар марҳилаҳои аввали ҳалли онҳо ба миён меоянд. Зеро кӯшиши интихоби асоси назариявӣ ва муайян кардани тарзи амал, ки аксаран ба таҷрибаи шахсии мавҷуда такя мекунад, на ҳамеша дар шароити авриди баррасӣ самаранок мебошад.

Дар боби дуюм «Ҷанбаҳои назариявии методии инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён дар раванди таълими математика» масъалаҳои зерин барраси шудааст.

- Адабиёти психологӣ, педагогӣ ва дастурҳои илмию методӣ таҳлил карда шуд;
- Асосҳои мафҳуми баррасишаванда муайян гардидаанд;
- Равишҳои мухталиф оид ба проблемаи рушди қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён омӯхта шуданд.

Ин боб аз се зербоб иборат мебошад. Зербоби якум «Асосҳои назариявии мафҳумҳои эҷодкорӣ ва қобилияти эҷодӣ дар таҳқиқотҳои методии олимон» ном дошта, дар он натиҷаи таҳлили адабиёти равоншиносӣ-педагогӣ ва методӣ оид ба мафҳумҳои эҷодкорӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва фаъолияти эҷодӣ гуногунии назари олимон муайян шудааст.

Зербоби дуюм, ки «Ҳолати кунунии инкишофи фаъолият ва қобилиятҳои эҷодӣ дар таълими математика» ном дошта, дар он нишон дода шудааст, ки рушди қобилиятҳои эҷодӣ натиҷаи омӯзонидани мақсадноки фаъолиятҳои эҷодӣ ба донишҷӯён мебошад.

Зербоби сеюм «Роҳҳои инкишофи фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар раванди ҳалли масъалаҳои ғайристандартии математикӣ» ном дошта, дар

он нақши масъалаҳои ғайристандартӣ муайян карда шуд, ки ба рушди фаъолияти эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Дар боби сеюм «Озмоиши педагогӣ оид ба муайян кардани сатҳи дониши донишҷӯён бо истифодаи маводи масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» роҳу усулҳои татбиқи маводи масъалаҳои ғайристандартӣ барои рушди донишу малакаи донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Доираи методи барои интихоби масъалаҳои ғайристандартӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба рушди дониши донишҷӯён дар омӯзиши мавзуҳои муайян мусоидат мекунад ва аз ду зербоб иборат мебошад.

Зербоби якум «Методикаи дохилкунии маводи масъалаҳои ғайристандартӣ ба курси математика ҳамчун яке аз воситаҳои баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯён» ном дошта, дар он маводи дорои масъалаҳои ғайристандартӣ дар курси математика ҳамчун воситаи муҳими дарккунии моҳияти таълимӣ амал намуда, дорои хусусиятҳои хоси методологӣ ва дидактикӣ мебошад.

Вақте, ки омӯзгор дар раванди машғулияти таълимӣ масъалаҳои ғайристандартиро ҳамчун маводи иловагӣ истифода мебарад, ин раванд, одатан, бо маҳорати эҷодӣ ҳамроҳ буда, ба таҳкими мантиқ ва тафаккури донишҷӯён таъсири амиқ мерасонад. Махсусан, чунин масъалаҳо бо аслияти худ нисбат ба маводи стандартӣ таъсиргузортар арзёбӣ мешаванд.

Зербоби дуюм «Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ доир ба истифодаи маводи масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика» ном дошта, дар он корҳои озмоишӣ оид ба муайянсозии сатҳи дониши донишҷӯён тавассути истифодаи методи таҳияшуда дар раванди таълими математика гузаронида шуда аст.

Дар ҷараёни таҳқиқот чунин фарзия пешниҳод шуд, ки ташкили самараноки раванди таълим дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ дар дарсҳои математика воситаи муосири ташаккули донишҳои математикӣ дар донишҷӯён ба ҳисоб меравад.

Озмоиши педагогӣ бо мақсади санҷиши асоснок ва дурусти фарзияи пешниҳодшуда дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Донишгоҳи давлатии Данғара баргузор гардид.

Натиҷаҳои бадастомада дурустии фарзияи илмии рисоларо тасдиқ намуданд ва нишон доданд, ки маводи масъалаҳои ғайристандартӣ дошта омили муҳими баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯён мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсия Мирзораҳимзода М.Ҳ. дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳо илмӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента ҶТ аз 31 марта соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи алгебра ва
геометрияи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Н.Хусрав Сатторов Абдурасул Эшбекович.
«17» 02 соли2026
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Хатлон, 9, хуҷраи 9.
Телефон: (+992) 987 67 57 73
E-mail: asattorov50@mail.ru

Имзои д.и.п., профессор А.Э. Сатторов-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
«17» 02 соли2026
Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи С. Айнӣ, 67